# ХУЛОСАИ

**Комиссияи экспертии 6D. КОА - 008 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» оид ба диссертатсияи Гадоев Маъруф Аҳмадович дар мавзӯи: «Хусусиятҳои клиникӣ-лабораторӣ ва такмили муолиҷаи беморони гирифтори сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш» аз рӯи ихтисоси 14.01.10 - Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб пешниҳод шудааст**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати: д.и.т. Муҳамадиева К.М. (раис); д.и.т., дотсент Одинаев Ш.Ф., н.и.т., дотсент Абдиева Д.Х. экспертизаи аввалияи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи дерматовенерологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» Гадоев Маъруф Аҳмадовичро дар мавзӯи: «Хусусиятҳои клиникӣ-лабораторӣ ва такмили муолиҷаи беморони гирифтори сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.01.10 – Бемориҳои пӯсту зӯҳравӣ пешниҳод шудааст, гузаронида, чунин натиҷагирӣ карданд:

1. Диссертатсия ба ихтисоси 14.01.10 – Бемориҳои пӯсту зӯҳравӣ мувофиқат мекунад ва барои ҳимояи расмӣ дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА - 008-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» қабул шуда метавонад.
2. Сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда яке аз мушкилоти мубрами соҳаи тиб ба шумор меравад, ки ин ба басомади зиёди паҳншавӣ ва хатари баланди рушди оризаҳои вазнини функсияҳои репродуктивӣ вобаста аст. Дар байни сабабҳое, ки боиси афзоиш ва паҳншавии сироятҳои урогениталӣ мешаванд, бемориҳои ҳамроҳшудаи махсус қайд мегарданд, ки ба норасоии масуният бурда мерасонанд. Ба чунин бемориҳо сили шуш мисол шуда метавонад. Дар беморони гирифтори СБРАҶГ-и урогениталӣ ва сили шуш, омилҳои хавфи якхелаи паҳншавӣ, ба монанди майли беморон ба одатҳои бад, омилҳои иҷтимоӣ ошкор карда шуданд. Бори аввал дар Тоҷикистон зуҳуроти клиникӣ ва

лабораторӣи сироятҳои урогениталӣ дар беморони гирифтори сили шуш омӯхта шуданд. Исбот шудааст, ки сироятҳои урогениталӣ тавассути беморони гирифтори сили шуш дар синну соли репродуктивӣ нисбат ба беморони гирифтори СБРАЧГ-и урогениталии бе сироятҳои ҳамроҳшудаи сил 1,9 маротиба зиёдтаранд. Муайян карда шуд, ки дар беморони сили шуш сироятҳои урогениталӣ дар 74,1% ҳолатҳо ба онҳо шакли сироятҳои омехта намояндагӣ мекунанд, ки дар 55% -и ҳолатҳо хламидиоз ва дар 85,2% ҳолатҳо ҷараёни музмин хос аст. Муайян карда шуд, ки дар 46,9 % ҳолат мардони гирифтори сили шуш сироятҳои урогениталӣ тавассути илтиҳоби ғадуди простата ва дар 38,9% ҳолатҳо занон тавассути салпингоофорит мураккаб мешаванд. Исбот карда шудааст, ки дар беморони сили шуш сироятҳои урогениталӣ дар 65,2% ҳолат дар заминаи вайроншавии системаи интерлейкин ҷараён мегиранд. Муайян карда шуд, ки истифодаи Азитромитсин ва Тимогар дар якҷоягӣ бо муолиҷаи зиддисилии антибактериалӣ 1,7 маротиба нисбат ба истифодаи набурдани Тимогар 31,7% муқобили 18,3% ҳолат бештар ба табобати муваффақонаи клиникӣ бурда мерасонад. Аҳамияти назариявии тадқиқот дар он аст, ки муқаррароти назариявӣ, методӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодшуда метавонанд дар раванди таълимии мактабҳои олии тиббӣ истифода бурда шаванд. Дар тадқиқот усулҳои клиникӣ ва асбобии таҳқиқот ва усулҳои ташхиси сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда истифода шуданд: иммунофлуорестсенсияи мустақим, реаксияи занҷири полимеразӣ, таҳлили иммуноферментӣ. Дар беморони гирифтори сили шуш хусусиятҳои ҷараёни клиникии сироятҳои урогениталӣ, ҳолати масунияти ҳуҷайравӣ ва гуморалӣ ва вазъи интерлейкин омӯхта, бо назардошти вайроншавиҳои ошкоршуда муолиҷаи комплексӣ таҳия карда шуд.

3. Оид ба диссертатсия 11 кори илмӣ нашр шудааст, ки дар онҳо нуктаҳои асосии диссертатсия инъикос ёфтаанд.

- Гадоев М.А. Омӯзиши ҳолати масунӣ ҳангоми уретритҳои ғайригонококкӣ / М.А.Гадоев, Б.И. Саидзода // Нигаҳдории тандурустии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2020. - № 2. – С. 25-30. ISSN 0514-2415.

- Гадоев М.А. Клинико-иммунологические нарушения при негонококковых уретритах / М.А. Гадоев, Б.И. Саидзода //Паёми Сино. – Душанбе.– 2020. - №1. –С. 40-44. ISSN 2074-0581
- Гадоев, М.А. Особенности клинической течения уретритов у мужчин с репродуктивным нарушением / М.А. Гадоев, Ш.А. Сохибназаров, Б.И. Саидзода, М.Д. Нуралиев // Илм ва фановарӣ (Наука и инноватсия). – Душанбе.– 2020г. - № 4. – С. 274-278.ISSN 2312-3648.
- Гадоев М.А. Ҷараёни инкишофи сироятии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар ҷумҳурии Тоҷикистон (2010 – 2019) / М.А. Гадоев, Б.И. Саидзода, М.М. Ахмедов, Ҷ.Т. Эмомалиев, Н.М. Нуруллаева // Авҷи Зухал. –Душанбе. – 2021. - № 2. – С. 28-31. ISSN 2616-5252.
- Гадоев М.А. Ҳолати эпидемиологӣ вобаста ба сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2008 – 2017 / М.А. Гадоев // Авҷи Зуҳал. –Душанбе. – 2021. - № 4. – С. 44-50. ISSN 2616-5252.
- Гадоев М.А. Диагностика и лечение негонококковых уретритов у мужчин с репродуктивными нарушениями / Б.И. Саидзода, М.А. Гадоев // М-лы IX Республиканской научно-практич. конф. на тему «Наука и молодежь» посвященной 26-ти летию независимости республики Таджикистан и году молодежи. Республиканский медицинский колледж. г. Душанбе. – 2017. – С.121-122.
- Гадоев М.А. Ташхис ва табобати уретритҳои ғайригонококкӣ дар мардони гирифтори ихтилолҳои репродуктивӣ / Б.И. Саидзода, М.А. Гадоев // Ж. Авҷи Зухал. – Душанбе. – 2017.,- № 4. –С.28-31.
- Гадоев, М.А. Диагностика и лечение уретритов / Б.И. Саидзода, М.А. Гадоев, А.Д. Мирзоев //.М-лы X Республиканской научно-практич. конференции. Республиканский медицинский колледж. г. Душанбе. – 2018. – С. 216-217.

- Гадоев М.А. Усули муосири ташхис ва табобати уретритҳо дар мардон / Б.И. Саидов, М.А. Гадоев, Ш.А. Соҳибназаров // Материалы 66-ой годичной научно-практической конференции ТГМУ им. Абуали ибни Сино с международным участием, посвященные «Году развития туризма и народных ремесел». – Душанбе.– 2018. Том 1. –С. 548.
- Гадоев М.А. Современная диагностика негонококковых уретритов у мужчин с репродуктивными нарушениями / Б.И. Саидов, М.А.Гадоев // Рахмановские чтения. Московской дерматологической школе 150 лет: от истоков досовременной дермато-венерологии и косметологии. XXXVI Научно-практическая Конференция с международным участием. Сборник тезисов. – Москва. – 2019.–С. 77-78.
- Гадоев М.А. Диагностика негонококковых уретритов у мужчин с репродуктивными нарушениями / М.А.Гадоев, Б.И. Саидов // Рахмановские чтения. Московской дерматологической школе 150 лет: от истоков досовременной дермато-венерологии и косметологии. XXXVI Научно-практическая Конференция с международным участием. Сборник тезисов. – Москва. – 2019.–С. 24-25.

4. Имтиҳони номзадиро Гадоев Маъруф Аҳмадович тибқи шаҳодатномаи № 556, ки аз тарафи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» 29-апрели соли 2021 дода шудааст, супорид.
5. Дар автореферати диссертатсия нуқтаҳои асосии диссертатсия инъикос ёфтаанд.
6. Бинобар сабаби бо як рамз будани рисолаи илмӣ, ва ҳоҷат надоштан барои мушовири илмӣ инчунин мувофиқи талаботи банди 28-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ КОА назди Президенти ҶТ ҷавобгу набудани корҳои илмӣ-татқиқоти мушовири илмӣ, н.и.т. Сангинов А.Б. аз мушовирии илмии дисертатсияи номбурда гирифта шавад.
7. Ба ҳайси муассисаи пешбар тасдиқ кардани «Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» тавсия карда мешавад.

8. Ба ҳайси муқарризони расмӣ тасдиқ кардани шахсони зерин тавсия карда мешаванд:

- профессори кафедраи дерматовенерология бо асосҳои косметологияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии ҶТ» д.и.т. Қосимов О.И.

- духтури силшиноси Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемориҳои сил» н.и.т. Юсупҷонова Ҷ.М.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

**Доктори илмҳои тиб** **Муҳамадиева К.М.**

**Аъзоҳои комиссияи экспертӣ:**

**Доктори илмҳои тиб, дотсент** **Одинаев Ш.Ф.**

**Номзади илмҳои тиб, дотсент** **Абдиева Д.Х.**

РАЁСАТИ РУШДИ КАДРӢ
УПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ КАДРОВ

имзои/подпись
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ УРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
«22» . 04 2022 с/г